Ба Шурои дисертатсионии
6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии
тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½)

**ТАҚРИЗИ**

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат

## 1. Мубрамии мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ва пайваста ҷорӣ намудани инноватсияҳо, инчунин кам кардани хароҷоти доимии ташкилотҳо барои идоракунӣ тавассути автоматикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмини кадриро тақозо менамояд. Рушди технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, мавҷудияти интернет ва воситаҳои гуногуни техникӣ зарурати таъмини самараноки идоракунии рушди иқдидори кадрии соҳаҳои иқтисодиёти миллиро ба миён меорад. Дар ин маврид коркарди асосҳои илмии механизми идоракунии иқтидори кадрӣ бо ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва таҳлили маълумоти шахсӣ дар бораи кормандони эҳтимолӣ ё амалкунанда, баҳодиҳии фаъолияти онҳо бо назардошти ташаккули иқтисоди рақамӣ таъмин карда шавад.

Бояд зикр кард, ки раванди рақамикунонии фаъоли тамоми соҳаҳои фаъолияти инсон талаботҳои иловагии доимо афзояндаро барои кормандон ва омодагии онҳо барои истифодаи имкониятҳои нав аз ҳисоби технологияи рақамӣ ба вуҷуд меорад. Дар доираи ҳалли вазифаи муҳимтарини такмил додани сармояи инсонӣ ва тағйир додани кори тамоми системаи идоракунии савдои чакана мунтазам инкишоф додани кадрҳоро дар назар дорад. Рушди босуръати савдои чакана дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рақобатро байни корхонаҳои тиҷоратӣ шадидтар мекунад, ки боиси ҷустуҷӯи бартариҳои нави рақобатӣ, аз ҷумла имкони истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, нармафзор ва платформаҳо барои коркарди оперативии массивҳои бузурги маълумот мегардад.

Омӯзиши масъалаҳои таъсири истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар бахши савдои чакана мавзӯи таҳқиқотро боз ҳам муҳимтар месозад. Ҳадафи таҳқиқот таҳлили дурнамои истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, инчунин таҳияи тавсияҳо оид ба баланд бардоштани иқтидори кадрӣ дар мисоли савдои чакана мебошад. Дар адабиёти илмӣ баҳсҳо дар бораи такмили роҳҳои идоракунии кадрҳо дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ,аниққунии тамоюли рушди идоракунии кадрҳо, усулҳои арзёбии иқтидори кадрӣ зиёданд. Аммо то ҳол дар ҷумҳурӣ таҳқиқотҳотҳои

монографие,ки ба ҳалли масъалаҳои такмили идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ба назар намерасанд. Мубрамияти таҳқиқи сармояи инсонӣ ва идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисодиёти рақамӣ ҳанӯз пурра омӯхта нашудааст, зеро паҳлӯҳои муҳими масъалаи мазкур аз нигоҳи назариявию амалӣ, методиву методологӣ ва рушди стратегии он тавачӯҳи хосаро талаб менамояд. Муҳимияти мавзӯи баррасишаванда ба таҳқиқи васеи мушкилоти болозикр алоқаманд аст.

Бинобар ин, омӯзиши масъалаҳои идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ, интихоби мавзӯъ, аҳамияти илмию назариявӣ,методологӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевичро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

**2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда,сатҳи асосноккунӣ ва эътимоднокии хулосаҳои он.**

Диссертатсияи Мирзоалиев А.А. дар мавзӯи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия», барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад.

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои алоҳидаи Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисоси 08.00.12– Иқтисодиёти меҳнат мутобиқ мебошад.

Дар раванди раванди ҳалли масъалаҳои гузошташуда муаллиф омӯзиши моҳияти сармояи инсонӣ, тафаккури эҷодӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият ва иқтидори шахсият дар бозори меҳнат дар шароити рушди ташаккули иқтисоди рақамӣ асоснок намудааст.Ҳалли он имкон додааст,ки муаллиф асосҳои методологии таҳқиқ ва арзёбии раванди идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чаканаро дар асоси арзёбии шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ аниқ намояд.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи амалиявии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисоддони ватаниву хориҷиро дар соҳаи идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқот муаллиф аз усулҳои таҳлили иқтисодӣ, оморӣ, муқоисавӣ, системавӣ-таркибӣ, омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, индуксия, дедуксия, таҳлил ва синтез, таҳлили маълумотҳои оморӣ, аз график ва ҷадвалҳо истифода намудааст.

Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ, рус ва хориҷӣ оид ба идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ва инчунин дигар захираҳои иттилоотӣ истифода бурда шудаанд.

Дар ҷараёни шиносоӣ бо диссертатсия қайд кардан зарур аст, ки муқаррароти илмии дар диссертатсия ифодаёфта аз ҷиҳати хислатҳои муосири таҳқиқоти гузаронидашуда эътимоднокии худро тавсиф менамояд. Амалигардонии таҳлили назариявӣ ва методологӣ вобаста ба бо назардошти идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ муколамаи илмӣ ифода ёфтааст.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Натиҷаҳои илмии дисертатсияи тақризшаванда аз гузориш ва ассоснокунии заминаҳои назариявию методологии ташаккул ва рушди идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ, яъне асосноккунии асосҳои консептуалии идоракунии сармояи инсонии корхонаҳои савдои чакана дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ иброрат мебошад.

Ба андешаи мо, натиҷаҳои назарраси диссертатсияи тақризшаванда баҳри инкишофи минбаъдаи назария, методология ва амалияи идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ равона карда шудааст. Ба андешаи мо, натиҷаҳои назарраси диссертатсия, ки навгонии илмии онро ифода мекунанд, дар чунин муқаррарот инъикос ёфтаанд:

1. Муҳтавои назариявии технологияҳои рақамӣ, фазои рақамӣ, зеҳни сунъӣ, корхонаҳои маҷозӣ, суръатбахшии хизматрсониҳои алоқа, таҳияи моделҳои нави телекоммуникатсионӣ, ҳамкории субъектҳои иқтисодӣ дар ташаккули иқтидори кадрӣ накши аниқ карда шуда фаҳмиши муаллифии сармояи инсонӣ, иқтидори кадрӣ ва иқтисоди рақамӣ бо назардошти тафаккури эҷодӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият ва иқтидори шахсият дар бозори меҳнат асоснок карда шудааст.

2. Хусусиятҳои хоси рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ( навсозии пойгоҳҳои техникии савдои чакана, афзоиши низоми фардии талабот тариқи каналҳои электронӣ, ташкили платформаҳои рақамии савдо, тағйирёбии низоми пешниҳоди хизматрасонии савдо ба аҳолӣ ва дигар иштирокчиёни раванд, ташкили базаҳои логистикии хизматрасониҳои савдо тариқи шабакаҳои яклухт ва чаканаи маҳсулот) муайян карда шудааст.

3. Асосҳои институтсионалии рушди рақамии кадрӣ ва равишҳои методологии он аниқ карда шуда зарурати гузариш аз стратегияи идоракунии SPOD ба стратегияи VUCA аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст.

4. Принсипҳои методологии идоракунии иқтидори кадрии савдои чаканаро дар шароити рушди иқтисоди рақамӣ асоснок намуда шудааст ва

дар асоси талаботи рақамикунонии савдои чакана модели стратегии идоракунии рушди рақамии иқтидори кадрӣ бо дар назардошти системаи принсипҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ пешниҳод карда шудааст.

5. Тамоюли иқтидори кадрӣ дар шароити рақамикунонӣ аз ҳисоби интизории муштариён, рафтори истеъмолкунандагон, қобилияти идоракунии чараёнҳои иттилоотӣ, такмили маҳсулот, навовариҳои муштарак, шаклҳои нави ҳамкории байни иштирокчиёни равандҳои савдо, шаклҳои нави ташкилӣ зоҳир гардида ва унсурҳои таъминкунандаи рушди иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамӣ ба таври пурра арзёбӣ гардидааст.

6. Бо дарназардошти таҷрибаи хориҷӣ, ки бо хусусиятҳои навоварӣ, истифодаи зеҳни сунъӣ, худидоракунӣ, тақсимоти ваколатҳо ва вазифаҳо, касбияти кормандон, суръати рушди касбият, тобеият, усулҳои маъмули назоратӣ фарқ мекунад ва дар натиҷаи таҳлили муқоисавии моделҳои мавҷуда, амсилаи тоҷикии рушди иқтидории кадрии савдои чакана дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст.

7. Амсилаи иқтисодӣ-риёзии арзёбии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонии иқтисодӣ, ки дурнамои нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии алоқаманд ба рушди иқтидори кадрии савдои чакана барои давраи дарозмуддат пешгӯӣ карда шавад таҳия ва татбиқ гардидааст. Инчунин барои рушди минбаъдаи иқтидори кадрӣ истифодаи намудҳои гуногуни амсилаи иқтисодӣ – математикӣ муфид мебошад,асоснок гардидааст.

8. Механизми ташкилию иқтисодии татбиқи системаи инноватсионии рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи савдои чакана бо назардошти маҷмӯи тадбирҳои танзими давлатии унсурҳои идоракунии иқтидори кадриро дар заминаи сифатӣ методологӣ такмил медиҳад,асоснок карда шудааст.

9. Самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар асоси такмилдиҳии механизми идоракунии он дар шароити рақамикунонӣ муайян гардида истифодаи мониторинги вазъи кунунии иқтидори кадрӣ, ташаккули бонки иттилоотӣ оид ба лоиҳаҳои рушди иқтидори кадрӣ дар савдо, пешбурди ғояҳои сарпарастӣ ва хайрхоҳӣ дар соҳаи рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёт, такмили ихтисос, бозомӯзӣ, аттестатсия ва ғайра пешниҳод карда шудааст.

10. Матритсаи идоракунии рушди сармояи инсонӣ дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ, ки натиҷаи раванди мураккаби ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли мушаххас, тадбирҳо ва амалҳои танзими давлатӣ таҳия гардидааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот**

Муқаррароти назариявӣ ва методологии дар диссертатсия асоснокшуда ба рушди минбаъдаи иқтидори кадрӣ дар савдои чакана, омӯзиши равишҳои эҷоди шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ, инчунин таҳлили таъсири он ба самаранокии хизматрасонӣ дар соҳаи савдо ва бахшҳои он мусоидат мекунанд, аҳамияти назариявии таҳқиқотро таҷассум менамояд.

Бояд зикр намуд, ки аҳамияти амалии таҳқиқот дар муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда ба фароҳам овардани шароити зарурии иҷтимоию иқтисодӣ барои такрористеҳсол ва истифодаи иқтидорҳо, баланд бардоштани самаранокии истифодаи онҳо ва рушди иқтидори кадрӣ дар савдои чакана равона карда шудаанд.

Зикр намудан ба маврид аст, ки натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи барномаи стратегии рушди сармояи инсонӣ ва дар ин замина рушди иқтидори кадрӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар соҳаи савдо ва инфрасохтори онҳо истифода шаванд. Ҳамзамон, аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи савдои чакана истифода мешаванд. Муносибатҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди иқтидори кадрӣ, ки дар диссертатсия таҳия шудаанд, метавонанд ҳамчун заминаи методологӣ ва заминаи таҳияи принсипҳои идоракунии мақсадноки кормандон хизмат кунанд.

Натиҷаҳои илмии кори диссертатсинӣ бадастовардаи муаллиф дар муайян кардани самтҳои афзалиятнок, шаклу усулҳои ташаккул, истифода ва рушди иқтидори кадрӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи ҳама намуди захираҳои меҳнатӣ дар раванди савдо ба қишрҳои гуногуни аҳолӣ аҳамияти илмиву амалӣ доранд.

## 4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода намудааст, имконият додааст, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ба даст оварда шавад.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро дар соҳаи идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули системавию сохторӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, анкетагузаронӣ, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, таносуби хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, инчунин усули коррелятсионӣ-регрессионӣ ва SWOT-таҳлил васеъ истифода шудаанд.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзӯи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ овардааст, коркард ва таҳлил намудааст.

## 5. Арзёбии мундаричаи диссертатсия ва дарачаи ба итмом расидани он

Боряд қайд намуд, ки диссертатсияи пешниҳодгардида аз муқаддима, панҷ боб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 400 саҳифа оварда шудааст, 38 ҷадвал ва 65 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 303 номгӯй иборат аст.

Дар **муқаддима** муҳимияти мавзӯи диссертатсия ва дараҷаи коркарди он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардидаанд ва маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод карда шудаанд (с. 5-22).

Дар **боби аввал** "Асосҳои илмию назариявии идоракунии иқтидори кадрӣ дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ" таҳқиқи ғояҳои илми иқтисодӣ оид ба назарияи сармояи инсонӣ ва иқтидори кадрӣ, равишҳои консептуалии рушди сармояи инсонӣ ва таҳқиқи унсурҳои асосии он, инчунин хусусиятҳои хоси рушди иқтидорӣ кадрии савдои чакана дар шароити иқтисоди рақамӣ муфассал ба роҳ монда шудааст. (с.23-98).

Дар диссертатсия зикр гардидааст, ки методологияи идоракунии сармояи инсонӣ бояд ба таъмини иҷрои маҷмӯи талаботҳо вобаста ба муайян кардани мафҳумҳои асосӣ, истифодаи усулҳои таҳлилӣ ва воситаҳои махсус, ки ба сохтани моделҳои амалӣ барои санҷиши гипотезаҳо нигаронида шудаанд, омӯзиши эмпирикии гипотезаҳои санҷишӣ ва рейтинги миқдории онҳо равона карда шавад(с.25).

Андешаи муаллиф ҷолиби диққат аст, зеро таҷриба нишон медиҳад, ки дар шароити рақамикунонӣ сармояи инсониро метавон тақвият бахшид, агар унсурҳои муҳими ин ҷараён тавваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда бошанд. Ин унсурҳо дар ташаккули сармояи инсонӣ нақши назаррасро касб намуда метавонанд. Бинобар ин, ба инобат гирифтани онҳо ба такмилёбиву ташаккули сармояи инсонӣ заминаи мусоид фароҳам хоҳад овард(с.35).

Дар диссертатсия батафсил муаллиф андешаҳои олимону мутафакирони зикршударо комилан ҷонибдорӣ намуда, бо дарназардошти онҳо нуктаи зеринро пешниҳод кардааст: «Сармояи инсонӣ яке аз муҳимтарин омилиест, ки дар он тафаккури эҷодӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият ва иқтидори шахсият дар бозори меҳнат арзёбӣ мегардад.

Илова ба ин онро ҳамчун нерӯи созанда, потенсиали меҳнатӣ, захираи арзишманд ва таъминкунандаи омили муваффақияти ташкилот дар фазои рақобат бо такия ба рақамикунонии фаъолият ба ҳисоб меравад, шарҳ додааст. Муаллиф дар ниҳоят онро нерӯ ё қувваест, ки баҳри рушди иқтисодиёти миллӣ ва татбиқи стратегия нақши калидӣ дорад, арзёбӣ намудааст(с.39). Ин нуқтаҳои назар таҳлили назариявии диссертатсия ва шарҳу тавзеҳи мафҳумҳоро комилан пурра мегардонад.

Дар диссертатсия мафҳум ва моҳияти «иқтидори кадрӣ» аз нуқтаи илмӣ аниқ намуда шудааст ва онро муаллиф яке аз муҳимтарин омил, ки дар он тафаккури эҷодӣ, арзишҳои зеҳнӣ, маҳорату истеъдод, салоҳияту касбият

ва иқтидори шахсият дар бозори меҳнат арзёбӣ мегардад, асоснок намудааст(с.41).Инчунин аниқ карда шудааст,ки сатҳи рушди иқтисодиёти рақамӣ ва рейтинги кишвар дар асоси нишондиҳандаҳои гуногуни таркибӣ, ки зериндексҳои алоҳидаро муттаҳид мекунанд, барои табдили рақамии бахшҳои алоҳидаи иқтисод ва ҷомеа масъуланд, чен карда мешаванд(с.53).

Бо назардошти фаъолияти корхонаву муассисаҳо дар партави рақамикунонӣ ва рақамисозӣ муаллиф андешаи худро аз нигоҳи таҳқиқ чунин баён намудааст: «Иқтисодиёти рақамӣ – шакли нави иқтисодиёт буда дар он дастрасӣ ба дилхоҳ намуди маҳсулоту мол ва хизматрасониҳо танҳо ва танҳо тариқи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ва фановариҳои нав амалӣ карда мешавад»(с.79). Воқеан марҳилаҳои рушди иқтисоди рақами, ки дар расми 5 оварда шудааст, мисли як таҳаввулот мебошад, ки ба назари муаллиф он чун инқилоби рақамӣ аз ҷиҳати миқёс ва суръат таъсирбахш аст.

Дар диссертатсия системасозии марҳилаҳои рушди иқтисоди рақамӣ ба муаллиф имкон додааст, ки модели институтсионалии рушди рақамии иқтидори кадрӣ, ки дар он афзалиятҳо дар самти кам кардани аҳамияти дороиҳои моддӣ ва тавсеаи дониш дар бораи дороиҳои рақамӣ ба таври гуногун муқаррар карда шудаанд, ҳамчун манбаи асосии даромад фароҳам ба инобат гирифта шавад(с.84).

Дар **боби дуввум “Ҷанбаҳои методологии идоракунии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ”** равишҳои методологии идоракунии иқтидори кардрии савдои чакана, усулҳои арзёбии сифати иқтидори кадрии савдои чакана, принсипҳои методологии идоракунии иқтидори кадрӣ дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (с.99-176).

Ҳамзамон дар диссертатсия зарурати таҳияи консепсияи идоракунии иқтидори кадрӣ вобаста ба марҳилаҳои рушди савдоро асоснок намудааст. Аз ин лиҳоз метавон ба таври оқилона тахмин кард, ки рушди савдои чакана ҳамчун нишондиҳандаи рушди иқтисодӣ ва тағйирёбии сифатӣ дар сатҳ ва мазмуни донишу малакаи коргарон, ҳамчун интиқолдиҳандагони иқтидори кадрӣ бо ҳам зич алоқаманд аст. Таҳаввули объекти идоракунӣ дар заминаи сифати қувваи корӣ дар расми 16 нишон дода шудааст(с.117). Ҳамин тариқ, консепсияи пешниҳодшудаи идоракунии иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ ба таҳқиқи муаллиф оид ба омӯзиши назария ва амалияи идоракунии меҳнат асос ёфтааст, ки хусусияти фарқкунандаи он гузариш аз стратегияи идоракунии SPOD ба стратегияи VUCA-и инсон мебошад. Идоракунии сармоя, дорои хусусиятҳои нави сохторӣ ва мундариҷаи идоракунии иқтидори кадрӣ, тағйирот дар ташкили ҷои кор ва истеҳсолот, шароити қабули бисёр омилҳои қарор дар асоси моликияти зеҳнӣ мебошад, ки идоракунии иқтидори кадриро дар заминаи сифатан нави методологӣ такмил медиҳад. Инро муфассал дар расми 17. муаллиф шарҳу тавзеҳ додааст (с.127).

Бо ақидаи муаллиф дараҷаи тахассусӣ ва салоҳияти касбӣ, ки муҳимтарин хусусиятҳои бозори меҳнат мебошанд гуногунрангии сармояи инсониро муайян мекунанд ва тамоюли тақсимоти аҳолии шуғл аз рӯйи сатҳи малака ва

тахассус дарачаи талаботро ба сифати муайяни сармояи инсонӣ нишон медиҳад. Инчунин муаллиф аниқ намудааст,ки технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар ширкатҳо талаботро ба мутахассисони рақамӣ ба вуҷуд овардааст. То соли 2022, нарасидани нафароне, ки метавонанд ин технологияҳоро дуруст истифода баранд, бахусус менеҷерони лоиҳаҳои рақамӣ баръало мушоҳида мегардад. Ин мушкилотро ба назар гирифта, муаллиф норасоии кадрҳои рақамиро то соли 2022 дар расми 23 нишон додааст (с.144).

Дар диссертатсия аниқ шудааст,ки мафҳуми илмӣ методологияи идоракунии сармояи инсонӣ бояд ба назарияҳои илмие асос ёбад, ки объекти иқтидори кадрӣ ва субъекти идоракунии онро меомӯзанд. Барои муайян кардани принсипҳои методологии идоракунии сармояи инсонӣ муаллиф таҳлили муқоисавии принсипҳои муносибати анъанавӣ ба идоракунӣ ва идоракунии иқтидори кадриро дар рушди иқтисоди рақамӣ гузаронидааст; ки дар расми 31 оварда шудааст(с.163).

Дар **боби сеюм "Тамоюли рушди иқтидори кадрии кормандони савдои чакана"** ба таври зарурӣ таҳлили тамоюли рушди иқтидори кадрӣ, таҳлили омилҳо ва унсурҳои рушди самараноки иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ, ва ҳамчунин таҳқиқи таҷрибаи хориҷии идоракунии иқтидори кадрии корхона гузаронида шудааст(с.177-231).

Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки барои савдои чакана омили асосии рушд накардани иқтидори кадрӣ ҷой доштани талаботи зиёд, хусусан мувофиқ ба шароити бошиддиат афзоиш ёфтани равандҳои рақамикунонӣ дар бозори дохилӣ мебошад. Дар ҳақиқат, тақвияти раванди зикргардида маблағгузории дақиқ, сармояи зеҳнӣ, технологияи васеъмиқёсаи донишбунёд, омоданамоии мутахассисони соҳавӣ, бозомӯзии кадрҳо ва такмили ихтисоси ҳайатҳои роҳбарикунандаро талаб менамояд. Аммо, кормандон то ҳанӯз ба шаклҳои муосири идоракунӣ, коркард ва ҷобаҷогузории иттилоот ва рақамикунонии амалиёт шинос нестанд(с.220).

Муаллиф дар раванди таҳқиқи таҷрибаи хориҷии масоили иқтидори кадрӣ таҳлили моделҳои идоракунии кадриро баррасӣ ва муҳокима намуда, усулҳои идоракуниеро муайян кардааст, ки он барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намоянд (ҷадвали 3.13). Мавриди зикр аст, дар ин зер боб таҳлили татбиқи моделҳои асосии идоракунии кадрҳо дар ИМА, Ҷопон, Русия, Қазоқистон ва Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои миллӣ нишон дода шудааст(с.229). Инчунин муаллиф дуруст қайд мекунад, ки сатҳи рақамикунонии корхонаҳои савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон то ҳол аз кишварҳои пешрафта, масалан, дар бахши хусусии муҳити истеъмолӣ ақиб мемонад. Дар робита ба сармоягузорӣ ба рақамисозии ширкатҳои хусусӣ ин рақам ба 2,2% ММД мерасад, дар ҳоле ки дар Иёлоти Муттаҳида - 5%, дар кишварҳои Аврупо - 3,9%, дар Бразилия - 3,6% мебошад.

**Боби чоруми диссертатсия “Такмили усулҳои арзёбии иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити муосир”** рақамикунонии корхонаҳо ва вазъи рушди иқтидори кадрии савдои чакана, моделсозии арзёбии иқтидори кадрӣ ва сатҳи рақамикунонии корхонаҳо тавассути усули моделсозии сохторҳои идоракунӣ ва таҳияи амсилаи иқтисодӣ-риёзии арзёбии салоҳиятҳои командони савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ бахшида шудааст(с.232-262).

Таҳлили гузаронидашудаи муаллиф нишон медиҳад, ки иқтидори кадрӣ омили асосии рақобатпазири иқтисоди рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аниқ карда шудааст,ки дар корхонаҳои муосир иқтидори кадрӣ афзалияти асосии рақобатӣ ва ҷузъи муҳими стратегияи савдо ҳисобида мешавад, аммо дар ширкатҳои савдо то ба ҳол стратегияи рушди рақамии иқтидори кадрӣ ба таври зарурӣ вуҷуд надорад(с.238).

Дар доираи таҳқиқот гипотезаҳои пешниҳодшуда қисман тасдиқ карда шуданд. Ҳамин тариқ, фарзия дар бораи он, ки ба рушди савдои чакана омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сиёсӣ ва инфрасохторӣ таъсир мерасонад, аммо қувваи таъсири ин омилҳо гуногун буда, қисман тасдиқ карда шуд ва таҳлили иловагии амиқи маълумотро тақозо мекунад. Методологияи пешниҳоднамудаи муаллифро барои арзёбии омилҳое, ки ба рушди савдои чакана таъсир мерасонанд, метавон такмил дод ва дар оянда истифода кард. Маълумоте, ки ҳангоми таҳлили коршиносон ба даст оварда шудааст, метавонад барои асоснок кардани қарорҳои сармоягузорӣ дар бахши чакана истифода шавад(с.253).

Ба андешаи муаллиф барои рушди минбаъдаи иқтидори кадрӣ истифодаи намудҳои гуногуни амсилаи иқтисодӣ – математикӣ муфид мебошад ва амсилаи тарҳрезишуда имконият медиҳад, ки дурнамои нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии алоқаманд ба рушди иқтидори кадрӣ барои давраи дарозмуддат пешгӯи карда шавад(с.260).

**Дар боби панҷум “Самтҳои афзалиятноки идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт”**, самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ, такмили механизми раванди идоракунии иқтидори кадрии савдо ва модели стратегии идоракунии иқтидори кадрии савдо дар шароити иқтисоди рақамӣ нишон дода шудааст(с.263-329).

Дар диссертатсия аниқ карда шудааст,ки гузариши иқтисоди ҷумҳурӣ ба марҳилаи нави рушди инноватсионӣ, яъне иқтисодиёти рақамикунонӣ, ки дар он иқтидори кадрӣ ҷузъи асосии рушди иқтисодӣ мебошад, зарурати таҳияи системаи идоракунии механизми ташаккули сармояи инсониро дар соҳаи савдо ҳам дар сатҳи умуман иктисодиёти мамлакат ва дар дарачаи комплексхои иктисодии алохидаи он ба миён омадааст. Муаллиф дар ин асос механизми татбиқи инноватсионии рушди иқтидори кадрӣ дар бахши савдоро таҳия намудааст(с.299).

Аз нуқтаи назари муаллиф, механизми татбиқи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар рушди иқтидори кадрӣ дар соҳаи савдо бояд дар шаклҳои асосии зерин амалӣ карда шавад. Шакли хуб ба роҳ мондашудаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаи мавриди омӯзиш, ки бояд васеъ карда шавад, ташкили қабули мақсаднок ба муассисаҳои таълимии касбӣ бо фармоиши корхонаҳо ва шаҳрҳо мебошад (расми 60). Ҳамзамон бо ӯҳдадориҳои мутақобилаи тарафҳо шартномаҳои мақсадноки қабули кадрҳо ҳам дар сетарафа (корхона – довталаб – муассисаи таълимӣ) ва ҳам дар шакли чортарафа (корхона – маъмурияти шаҳрак – довталаб – муассисаи таълимӣ) баста шудан мумкин аст(с.304).

Дар хотимаи диссертатсия хулосаҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ баён карда шудааст.

**7.Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба шаклгирии диссертатсия**

Ба андешаи мо, дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида, ақидаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва қайди баъзе аз онҳоро лозим мешуморем, ба монанди:

1. Дар боби аввали диссертатсия мафҳуму моҳияти «иқтидори кадрӣ» дар таҳқиқоти илмии муҳаққиқони хориҷию ватанӣ мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст, аммо саҳми олимони ватанӣ дар ҳалли муамоҳои рушди иқтидори кадрӣ кам ба мушоҳида мерасад.

2. Равишҳои назариявию амалии идоракунии иқтидори кадрӣ ва низомбандии муаллифии онҳо дар расми 15 нишон дода шудааст. Аммо хусусиятҳои он ба таври зарурӣ асоснок карда нашудааст.

3. Ба андешаи мо кор бурд мекард, агар муаллиф дар раванди таҳлили равишҳои методологии идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана(боби2) оид ба усулҳои ташкили фаъолияти кори кадрҳо, усулҳои баҳодиҳии рақобатпазирии онҳо ва усулҳои арзёбии рушди иқтидори кадрӣ, самтҳои ташаккули иқтисоди рақамӣ дар савдои чакана таҳлили назариявӣ-методологӣ намуда, пешниҳодҳои амалӣ коркард менамуд.

4.Дар зербоби 4.1. “Рақамикунонии корхонаҳо ва вазъи рушди иқтидори кадрии савдои чакана” (саҳ.232-242) хуб мешуд, агар муаллиф дар қатори таҳлили лоиҳаҳои трансформатсияи рақамӣ инчун роҳҳои ташкили фаъолияти кадрҳои савдои чаканаро бо назардошти хусусиятҳои ташаккули иқтидории кадрии он дар шароити истифодаи технологияҳои рақамӣ асоснок ва пешниҳод менамуд.

5. Дар раванди таҳлили самтҳои асосии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити рақамикунонӣ дар диссертатсия асосноккунии роҳҳои омодасозӣ,такмили механизмҳои ҳавасмандгардонии мутахасисон мутобиқи талаботи рушди инноватсионӣ ба назар намерасанд. Ба андешаи мо, кор бурд

мекард, агар муаллиф асосҳои илмӣ ва хусусиятҳои хоси институтҳои ташкили фаъолияти кории кормандони савдои чакана дар раванди рақамикунонӣ коркард ва асоснок менамуд.

6.Таҳлил нишон медиҳад, ки аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол дар соли 2021 дар се бахши асосӣ чунин аст: давлатӣ-20,1%; хусусӣ-70,1% ва коллективӣ – 8,9%-ро ташкил медиҳад ва дар дигар бахшҳо ҳамагӣ 0,9% мебошад. Муаммои асосӣ дар он аст, ки иқтидори кадрӣ бештар ба бахши хусусӣ таввачҷӯҳ дорад, зеро дар он ҷо имконияти рушди касбият ва салоҳиятҳо имконпазир аст. Андешаи муаллиф тавзеҳ мехоҳад.

7.Дар диссертатсия татбиқи моделҳои асосии идоракунии кадрҳо дар ИМА, Ҷопон, Россия, Қазоқистон ва Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст, аммо истифодаи ин таҷрибаи хориҷӣ дар самти иқтидори кадрии савдои чакана нишон дода нашудааст.

8.Муаллиф дар боби панҷум якчанд механизмҳоро пешниҳод намудааст, аммо амалишавии ин механизмҳо дар шароити иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус дар савдои чакана пешниҳод нагардидааст.

Таъкид кардан зарур аст, ки эродҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

**7. Мувофиқати диссертатсия ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ**

Дар маҷмуъ бояд қайд намоем, ки диссертатсияи мазкур дар мавзуи «Идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ: назария, методология ва амалия» таҳқиқоти илмии мустақилона ва ба пуррагӣ анҷомёфта буда навгониҳои илмӣ, методологӣ ва амалиро дар худ таҷассум менамояд, ки ба ҳалли муаммоҳои идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ мусоидат менамояд.

Автореферати кори диссертатсионӣ таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушахассоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқаррароти назариявии моҳияти идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ифода менамояд. Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиҷаҳои илмии ба даст оварда шудаи муаллиф арзиши илмӣ доранд, ки метавонад асосҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии идоракунии рушди иқтидори кадрии савдои чакана дар шароити ташаккули иқтисоди рақамиро тараққӣ диҳад.

Кори диссертатсионии тақризшаванда аз рӯйи муҳимият, мазмуну муҳтаво, гузориши масъалаҳо, усулҳои таҳқиқот, назариявию амалии ба даст омада ба талаботҳои низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мувофиқи бандҳои 67 ва 69 –

и «Тартиби додани дараҷаи илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021 таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, муаллифи он Мирзоалиев Абдурашид Абдунабиевич сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Профессори кафедраи назарияи иқтисод
ва иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон, доктори
илмҳои иқтисод, профессор, академики
Академияи байналхалқии мактабҳои олӣ **Комилов С.Ҷ.**

Имзои Комилов С.Ҷ.-ро тасдиқ менамоям.
Сардори идораи кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон **Раҳимов А.А.**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон
ш.Душанбе, кӯч.М.Турсунзода, 30
Телефон: (992) 37, 227-15-71
**E-mail: sirodj1950@mail.ru**